**Тақризи**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи **Раҳматова Озодахон Анварҷоновна** **“Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Навъи адабии қасида аз оғози адаби форсии тоҷикӣ дар ташаккулу такомул ва рушду нумӯи ин адабиёт беш аз ҳар навъи дигар нақш дошта, дар ҳеҷ даврае аз адвори таърихи адабиёт аз нуфузу ҷойгоҳи он накостааст. Ба хусус дар девони шоирони асрҳои X-XIII қасида дар ҷойи аввал қарор дошта, дар таркиби анвои адабии ин девонҳо аз лиҳози миқдору муҳтаво пеш ва беш аз навъҳои дигарро ташкил медод. Дар осори таҳқиқӣ қасидаро нахустин навъи шеърии адаби форсии тоҷикӣ ва дар баъзе аз манобеъ анвои дигари ғиноиро муншаъаб аз ин навъ донистаанд, вале муҳаққиқон дар пайдоиши он дар адабиёти мо муътақид бар ду ақидаанд, ки гурӯҳе онро баргирифта аз адабиёти араб (Ҳ.Эте, Э.Браун, Шиблии Нуъмонӣ, Зайнулобидини Муътаман) ва гурӯҳе онро баромада аз фолклори халқҳои эронинажод донистаанд (Е.Э. Бертелс, Камол Айнӣ, Мирзо Муллоаҳмадов, Ш. Раҳмонов, У. Тоиров), ки таҳқиқу пажӯҳишро дар ин маврид тақозо менамояд.

Мавлоно Аҳмад ибни Муҳаммад маъруф ба Сайфуддини Исфарангӣ ва Аъраҷ аз шоирони шинохта ва машҳури адаби форсӣ дар қарни XII- XIII мебошад, ки бо осори гаронбаҳои хеш дар такомули навъи адабии қасида саҳму нақши муассире гузоштааст. Аз ин рӯ, дар ин замина навиштани рисолаи илмӣ таҳти унвони “Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” аз тарафи унвонҷӯ Раҳматова Озодахон Анварҷоновна шоистаи дастгирӣ ва таҳсин мебошад. Аз шуҳрату эътибори Сайфуддини Исфарангӣ ҳаминро метавон қайд кард, ки ному осори ӯ дар ҳамаи тазкираҳои умумии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ сабту забт гардидааст. Нуфузу таъсири шеъри ӯ дар адабиёти пас аз шоир, хоса қасоиди ӯ ба шоирони машҳури форсизабон маълум аст. Диссертатсия дар асоси маъхазҳои муҳимму боэътимоди мутааддиди дастрас, осору таснифоти феҳристнигорону муҳаққиқони муосири аврупоӣ ва ватанӣ иншо гардида, муаллиф дар равшан намудани масъалаҳои марбут ба ашъори бозмонда ва таркиби навъиву мавзӯъии девони шоир хидмати шоистаи илмӣ анҷом додааст.

Аз тамоми манобеи адабӣ ва таърихии мавҷуд дар кишвар ва берун аз он, асарҳои таҳқиқотии оид ба шоир ва ҳамасронаш таълифшуда, дар диссертатсия истифода шудааст, ки сатҳи илмии онро афзун кардааст.

Навоварии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки қасоиди ӯ дар иртибот бо замону вазъи адабии давраи зиндагии шоир, хоса воқеаҳои рӯзгори ӯ таҳлилу баррасӣ шуда, маҳорат ва ҳунари шоирии ӯ дар эҷоди ин навъи адабии интишорёфтаи адабиёти форсии тоҷикӣ, мазмунсозӣ ва маъниофарии ӯ дар офариниши қасида мавриди баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст, зеро дар ин давраи таърихи адабиёти мо шоирони дараҷаи аввали қасидасароро дар пушти сар дошт ва сухани тоза гуфтан пас аз Масъуди Саъди Салмон, Анварии Абевардӣ, Заҳири Форёбӣ, Хоқонии Шервонӣ барин шоирон дар навъи қасида кори сахт буд. Муаллиф бар он аст, ки Сайфи Исфарангӣ дар сохтору мазмун ва муҳтавои қасида, ба вижа дар истифодаи вазн, қофия, радиф навовариҳо дорад, ки шеъри ӯро аз дигарон имтиёз бахшида, забону баёни шоирро пуррангтар аз дигар шоирони қасидасаро мепиндорад.

Баррасии миқдориву муҳтавоии қасоиди Сайфи Исфарангӣ ва исботи бартариву руҷҳони онҳо аз дигар навъҳои адабии мавҷуд дар девони шоир ва мушаххас намудани ҷойгоҳи ӯ дар миёни қасидасароёни ин давраи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ бар мабнои маҳорати шоирии ӯ ва мулоҳизаҳои шоир дар бораи шеъру шоирӣ аз дастовардҳои муаллифи рисола метавонад бошад.

Бисёре аз қасидаҳо дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ аз қасидаҳои мадҳӣ иборат мебошанд, ки қасоиди Сайфи Исфарангӣ ҳам аз ин маънӣ мустасно намебошанд, аммо ҷанбаи ҳунарии ин ашъор ва дарҷи санаде,зикри ҳодисаву воқеаҳо ва ҳолоти рӯҳии шоир ва ҷузъиёти зиндагии ӯ рӯзгори ин навъро дарозтар месозад ва онро арзишманд мегардонад. Аз ин нигоҳ ҳам қасидаҳои мадҳии Сайфи Исфарангӣ бо табиатнигорӣ,санъатҳои бадеӣ, истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, забону баёни ғанӣ хеле ҷолиб ва сутуданианд, ки дар рисола ба тафсил дар ин маврид сухан рафтааст. Мувофиқи таҳқиқи диссертант аз 198 қасидаи шоир дар тағаззули 40 адади онҳо ба дамидани субҳ ва баромадани офтоб бо тобишҳои гуногун маънисозӣ ва мазмунофарӣ шудааст, ки камолу ҷамоли сухани шоирро

ҷилвагар месозанд.

Таҳқиқоти муаллифи рисола нишон медиҳад, ки ҷойгоҳи навъи адабии қасида ҳам аз нигоҳи теъдод ва ҳам аз нигоҳи муҳтаво ва мазмун, мисли осори ҳар шоири ин давраи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, бартарӣ дошта дар девони шоир 198 қасида бо фарогирии 7494 байт (аз 11900 байти мавҷуд дар он) хурдтарин қасидаи вай 17 байт буда, калонтарин қасидааш 73 байт дорад. Бештари қасидаҳои шоир 29-байтӣ (16 адад), 32-байтӣ (14 адад), 35-байтӣ (12 адад), 37 байтӣ (15 адад), 38-байтӣ (12 адад) ва 39 байтӣ (14 адад) мебошанд, ки баръакси қасидасароёни пешгузаштае чун Унсурӣ, Фаррухии Систонӣ, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ, Заҳири Форёбӣ қасидаҳои калон надорад.

Аз муҳимтарин ва асоситарин қисматҳои рисола боби охири он мебошад, ки дар он шеъру шоирӣ аз нигоҳи Сайфи Исфарангӣ ва шеваҳои мазмунсозӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ дар қасидаҳои шоир мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор гирифтааст. Боби мазкур дар шинохти сабку услуби шоирии Сайфи Исфарангӣ ва забону баёни шоиронаи ӯ аз дастовардҳои муаллифи рисола ба ҳисоб меравад.

Дар баробари дастовардҳои ёдшуда дар рисола чанд нуқсону камбудӣ ҳам ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо арзиши илмии онро афзуда, сатҳи илмии онро боло хоҳанд бурд:

1. Муаллиф бо истинод бар “Маҷмаъу-л-фусаҳо” (саҳ.814) менависад, ки бародари Сайфиддини Исфарангӣ Шаҳобиддин тахаллуси “Самарқандӣ”-ро дошт, ки ин беасос буда, ин нисба шуда метавонад, на тахаллуси бародари шоир.
2. Муаллиф ба баррасии чопи “Девони Сайфуддини Исфарангӣ” –и Субҳони Аъзамзод (-Хуҷанд: Ношир, 2017) бидуни зикри унвони китобу таҳиягар мепардозад, вале дар сарчашмаҳои таҳқиқот аз ин чопи ном намебарад ва дар бораи чопҳои пешин ва муқаддимаи онҳо чизе намегӯяд (саҳ.7).

3. Маҷдуддини Бағдодӣ аввалан Маҷиддини Бағдодӣ, баъдан шоиру олим навишта шудааст(дисс. с.32), ки нодуруст аст.
4. “китобхонаи мадрасаи Олии Шаҳиди Мутаҳаррӣ” шакли дурусти ин ҷумла: “Китобхонаи мадрасаи олии шаҳид Мутаҳҳарӣ” мебошад.
5. Дар саҳифаи 43 ва чанд саҳифаи дигар (саҳ.53) омадааст: “**Қиттаот.** Қиттаоти Сайфи Исфарангӣ”, ки саҳеҳ нест.
6. Дар саҳифаи 49 навишта шудааст: “дар ҳеҷ ғазалаш ин тахаллус дар ҳусни матлаъ наомадааст” – ягон тахаллус дар матлаъ намеояд, “ҳусни матлаъ” дар ин ҷо ба кадом маънӣ омадааст, маълум нест.
7. Дар саҳифаи 55 мехонем: “Агар то Сайфи Исфарангӣ дар аҳди муғул Низории Куҳистонӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Ҷунайди Шерозӣ, Қонеӣ, Бадри Ҷоҷармӣ, Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Саъдии Шерозӣ, Салмони Совачӣ, Сайфи Фарғонӣ, Бадри Чочӣ, Фахриддини Ироқӣ ва дигарон ба гуфтани қасида ном баровардa бошанд...” аксари ин шоирон пас аз Сайфи Исфарангӣ умр ба сар бурдаанд.
8. Дар Китобнома номи муаллифон нодуруст сабт шудааст: **Котинов В.В**. К проблеме литературных родов и жанров В.В. Кожиников. Теория литературы. – М.: Изд. Акад. наук СССР, 1964.-С.173-177.

   **Котиков В.В.** Сютет, фабула, композиция В.В. Кожников. // еория литературы. – М.: Изд. Акад. наук СССР, 1964. – С. 406-475.
9. Хатоҳои имлоӣ ва техникии дар саҳифаҳои диссертатсия вомехуранд, ки шоистаи рисолаи илмӣ нестанд (саҳ. 3,4,5,6,9,12,13.....162, 163).

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои зикршуда ҳусни рисоларо коҳиш надода, ислоҳшавандаанд. Рисола дар сатҳи баланди услуби илмӣ таълиф

ёфтааст ва тадқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Фишурдаи рисола, мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф ва гузоришҳои илмии ӯ мухтавои рисоларо ифода мекунанд ва аз лаёқати илмии соҳиби он гувоҳӣ медиҳанд. Рисолаи **Раҳматова Озодахон Анварҷоновна “Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ”** мувофиқи талаботи КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. -Адабиёти тоҷик мебошад.

**Ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, номзади илми филология** **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович**

**E-mail: Shamsiddin-2010@mail.ru**
**Тел.: (+992) 93-511-23-87**

**Имзои Муҳаммадиев Ш.М.-ро тасдиқ менамоям: нозири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ба номи АБДУЛЛО РӮДАКИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУҲРИ КАДР

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21.**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ**
**E-mail: iza_rudaki21@mail.ru**
**Тел.: (+992 37)2272907; (+992 37) 2277550**